**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-002- назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**ба автореферати диссертатсияи Қодиров Некруз Абдулмаҷидович дар мавзӯи «Одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниход шудааст**

Дар шароити бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ки давлати Тоҷикистон бунёди онро интихоб намудааст, қоидаҳои муҳими рафтори кулли шаҳрвандон ташкилоту муассисаҳо новобаста аз шакли ташкилии ҳуқуқии онҳо маҳз тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд. Муаллиф ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда дар шароити васеъ шудани муносибатҳои хоҷагидорӣ аз ҷониби субъектони фаъляти соҳибкорӣ дар кишвар масъалаи танзими муносибатҳои мазкурро тавассути қонун, инчунин одатҳо аз ҷумла одатҳои байналмилалии савдоӣ пешниҳод менамояд. Махсусан дар сатҳи диссертатсионӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додани мавзӯи баррасишаванда, имконият медиҳад, ки мушкилоти гунонуг ба мавзӯи таҳқиқшаванда муайян ва дар ҳамин замина роҳу усулҳои ҳалли он самаранок коркар ва пешниҳод карда шаванд.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият зарурияти ба таври куллӣ дигаргун сохтани тамоми соҳаҳои гуногуги ҳайёти ҷомеаи аз ҷумла ҳамкориҳои иқтисодии хориҷи ба миён гузошта шаванд.

Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон баҳри таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои соҳибкорон заминаҳои ҳуқуқиро ташкил намуда истодааст.

Ҳамзамон тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаклҳои гуногуни моликият аз ҷумла моликияти хусусӣ кафолат дода шуда, муносибатҳои мазкур дар асоси дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба монанди кодексҳо ва қонунҳо ба танзим дароварда мешаванд. .

Дар танзими масъалаи мазкур, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши аввалиндараҷаро доро мебошад. Масалан моддаи 1191 КГ танзи муносибатҳои колизиониро бо унсури хориҷи муқаррар мекунад.

Ҳамчунин, новобаста аз қонунгузории мавҷудбуда таҳлилҳо нишон медиҳднд, одатҳо низ дар танзими муносибатҳои соҳибкорӣ бо унсури хориҷи нақши ҳалкунанда доранд. Масоили эътирои одатҳо то ба ҳол дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикисон маври таҳқиқоти алоҳида қарор дода нашудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур як зумра масъалаҳои вобаста ба масъалаи одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди таҳлил ва омӯзиши қарор дода шудааст, ки онҳо дар илми ҳуқуқи граждании оилавӣ ва меҳнатии навгонӣ мебошад. Чун қоида, вобаста ба масъалаҳои дар таҳқиқиоти мазкур таҳлилшуда, аз ҷониби муаллиф як зумра нуктаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, ки онҳо илман асосонок карда шудаанд. Махсусан, пешниҳодҳо оид ба тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст арзёби шудаанд (саҳ. 13).

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур чун дигар таҳқиқотҳои илмӣ аз аҳамияти илмӣ, амалӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ холӣ нест. Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, таклифу хулосаҳои илмии баёнгардида дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусии Тоҷикистон вобаста ба мавзӯи таҳқиқот муҳим буда, қаблан нисбати онҳо дар шакли таҳқиқоти махсуси диссертатсионӣ диққати зарурӣ дода нашуда буд. Умуман, натиҷаҳои илмии дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф бадастомада, ки аз матни автореферати аспирант ба миён меояд, зарур мебошад ва ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба масоили одатҳо чун сарчашмаи ҳуқуқи

байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мусоидат кунад. Дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур аз ҷониби муаллиф вобаста ба мавзӯи таҳқиқот 14 мақолаи илмӣ ба чоп расонида шудааст.

Дар баробари таҳлилу баррасии мусбии таҳқиқот, инчунин нисбат ба мавзӯи баррасишаванда баъзе масъалаҳои баҳсталаб мавҷуд аст, ки таваҷҷуҳро ҷалб мекунад.

1). Пеш аз ҳама, ҳангоми шиносоӣ бо матни рисола, инчунин бо забони соддаи тоҷикӣ навишта шудани он ба назар мерасад. Тарзи таҳия ва навишти автореферат барои шинос шудан бо он хеле мувофиқ аст, вале муаллиф ҳангоми таҳияи матн ба таври кофӣ ба истифодаи истилоҳоти забони ҳуқуқӣ аҳамият надода, аз калимаю ибороти истифодаи умум бештар истифода мебарад.

2). Муаллиф дар автореферат одатҳоро аз анъана ҷудо намудааст,вале одатҳои миллӣ ва маҳалиро нишон надодаас. Хуб мешуд, ки муаллиф одатҳоро ба гурӯҳҳо тақсимбанди менауданд. Чунки одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ аз ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба кулли фарқ доран.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба паҳлуҳои илмии автореферат таъсири ҷидди намерасонад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Қодиров Некруз Абдулмаҷидович нишон медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ бaанҷомрасида мебошад ва масъалаҳои мубраму ҳалталаб вобаста ба мавзӯи таҳқиқот дар замони муосир барои оянда замина мегузорад. Мазмун ва муҳтавои автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи номзадии Қодиров Некруз Абдулмаҷидович дар мавзӯи «Одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм,

авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда оид ба мавзӯи диссертатсия, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, мувофиқат намуда, аспирант бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат дорад.

**Мудири кафедраи ҳуқуқ**
**ва ҳуқуқшиносии муқоисавии**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Мирзоев П.И.**

**Имзои Мирзоев П.И. -ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва**
**корҳои махсуси Академияи идоракунии**
**давлатии наздиПрезиденти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Суфиев Ф. Р.**

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: 224-17-86, 224-83-93 (факс), email: info@apa.tj.